# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Давлаталии Абдусаломзода дар мавзӯи “Хусусиятҳои ташаккул ва рушди маркетинг дар корхонаҳо (дар мисоли корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг)**

аз 27 январи соли 2026 ш. Душанбе

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар ҳайати: Иброҳимзода И.Р., д.и.и., профессор – раиси комиссия, Ҷамшедов М., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент – аъзои комиссия; Ҷумъаев Б.М., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент – аъзои комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Давлаталии Абдусаломзода **хулосаи** зеринро қабул намуд:

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Давлаталии Абдусаломзода дар мавзӯи “Хусусиятҳои ташаккул ва рушди маркетинг дар корхонаҳо (дар мисоли корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) актуалӣ ва рузмарра буда, таҳқиқоти илмии батмомрасида ҳисобида мешавад, ки он ҳалли масоили афзалиятноки илмӣ-назариявӣ ва ташкилӣ-методии равандҳои асосии ташаккул ва рушди фаъолияти маркетингиро дар корхонаҳои саноатӣ дар бар гирифтааст.

Дар шароити муосири рушди иқтисоди бозорӣ, тақвияти рақобат, ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ ва тағйирёбии босуръати рафтори истеъмолкунандагон, маркетинг ба яке аз унсурҳои калидии идоракунии фаъолияти корхонаҳо табдил ёфтааст. Махсусан барои корхонаҳои саноатӣ, ки дар муҳити номуайяни бозор фаъолият мекунанд, истифодаи низоми самараноки маркетинг омили муҳими баланд бардоштани рақобатпазирӣ, таъмини устувории молиявӣ ва густариши бозорҳои фурӯш ба ҳисоб меравад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар вилояти Хатлон, ки яке аз минтақаҳои муҳими саноатии кишвар ба шумор меравад, солҳои охир равандҳои ташаккул ва рушди корхонаҳои саноатӣ босуръат идома доранд.

Бо вуҷуди ин, таҷриба нишон медиҳад, ки қисми зиёди ин корхонаҳо фаъолияти худро асосан бо такя ба усулҳои анъанавии истеҳсол ва фурӯш ба роҳ монда, маркетингро ҳамчун низоми мукаммали идоракунӣ ба таври кофӣ истифода намебаранд. Норасоии таҳлилҳои бозорӣ, камбуди тадқиқоти талаботи истеъмолкунандагон, заъфи сиёсати нархгузорӣ ва коммуникатсионии маркетингӣ боиси маҳдуд шудани имкониятҳои рушди устувори онҳо мегардад.

Аз ҷониби дигар, хусусиятҳои минтақавӣ, аз ҷумла сатҳи рушди инфрасохтор, сохтори бозори маҳаллӣ, имкониятҳои захиравӣ ва иқтидори кадрӣ, зарурати таҳияи модели хоси маркетинг барои корхонаҳои саноатии вилояти Хатлонро ба миён меоранд. Дар ҳамин замина, таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҷараёни ташаккул ва рушди маркетинг, муайян намудани мушкилот ва омилҳои таъсиррасон, инчунин коркарди пешниҳодҳои амалӣ ҷиҳати такмили фаъолияти маркетингии корхонаҳо аҳамияти назариявӣ ва амалӣ пайдо мекунад.

Ҳамзамон, таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки дар адабиёти иқтисодии ватанӣ масъалаҳои рушди маркетинг маҳз дар корхонаҳои саноатии минтақаҳо, аз ҷумла вилояти Хатлон, ба таври муфассал ва низомнок кам таҳқиқ шудаанд. Ин ҳолат боиси мавҷудияти холигии муайяни илмӣ гардида, зарурати анҷом додани таҳқиқоти махсусро тақозо менамояд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, мавзӯи диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Давлаталии Абдусаломзода мубрам, саривақтӣ ва дорои аҳамияти баланди илмӣ-амалӣ буда, таҳқиқи он ба ҳалли масъалаҳои муҳими рушди иқтисоди минтақавӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ мусоидат хоҳад намуд.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи Шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти рақамӣ ва идоракунии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба итмом расонида шуда, дар ҷаласаи васеи ғайринавбатии кафедраи иқтисодиёти рақамӣ ва идоракунии идоракунии муассисаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя тавсия дода шудааст (№4, аз 10.11.2025).

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 32 ва 33-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи соҳибкорӣ ба шумор меравад, диссертатсия бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

4. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба Шиносномаи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг), ки вобаста аз он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-юми апрели соли 2023 (№63/шд) ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, таҳти №10 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

5. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки аз онҳо 5 мақола дар алоҳидагӣ (талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295)) дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба чоп расидаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

6. Дараҷаи асолати матни диссертатсия ва автореферати пешниҳодгардида ба меъёрҳои талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи муаллифони дигар, ки бидуни иншон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

7. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ гардидааст, комиссия пешниҳод менамояд:

1). Диссертатсияи Давлаталии Абдусаломзода дар мавзӯи "Хусусиятҳои ташаккул ва рушди маркетинг дар корхонаҳо (дар мисоли корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2). Ба ҳайси муқаррризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Аминов Иномҷон – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

- Абдураҳмон Ҳакимзода – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

3). Ба сифати муассисаи пешбар Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

4). Барои гузоштани эълони ҳимоя, интишори диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ,**
**д.и.и., прфессор** **Иброҳимзода И.Р.**

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**

**д.и.и., дотсент** **Ҷамшедов М.**

**д.и.и., дотсент** **Ҷумъаев Б.М.**